# Такризи

роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Раҳимзода Х. ба диссертатасияи Шарифова Санавбар Саъдулоевна дар мавзуи “Нақши Арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълимӣ фани таърих” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ)

Мубрамияти коркарди диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки дар марҳилаи имрӯза раванди тағйироти босуръати ҷомеа, бархӯрди фарҳангҳо, рушди маънавию ахлоқии кишвар, ба дигаргуншавии принсипҳои тарбияи ахлоқӣ ва арзишҳои маънавии насли наврас таъсири бесобиқаи худро гузошта истодааст. Дар шароити ҳозираи ҷаҳони пуртазод тарбияи хештаншиносӣ, худогоҳии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз вазифаҳои асосоии оила, мактаб ва ҷомеа мебошад. Хушбахтона имрӯз бо шарофати истиқлолияти давлатӣ ва дастгириҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шароитҳои мусоид бахри ба воя расонидани насли худшиносу меҳанпараст фароҳам гардидааст.

Қайд кардан ба маврид аст ки таълими фанни таърих дар тарбияи хештаншиносии хонандагони муассисаҳоси таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ аҳамияти беназир дорад. Маҳз фанни таърих аст, ки хонандагон зимни омӯзиши он аз гузаштаи дури худ бохабар гардида, дар бунёди ҳаёти ояндаи худ пайроҳаи дурустро интихоб менамоянд. Инчунин дар баробари инъикоси воқеаҳо, ҳодисаҳо ташкилёбии давлатҳо, таназзули онҳо арзишҳои миллии халқиятҳо дар фанни таърих возеҳу ошкор баён мегарданд.Ҳангоми таълими онҳо хонандагон дар руҳияи хештаншиносӣ тарбия ёфта, меҳру муҳаббаташон нисбат ба ватан ва миллати худ зиёд мегардад. Таҳсилот нақши калидии тарбияи маънавӣ ва маърифатиро дар сохтори ҷомеа дорад. Дар таҳкими маънавӣ ва ахлоқии ҷомеаи Тоҷикистон, иттиҳод будани он дар муқобили мушкилоти беруна ва дохилӣ. таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ. баланд бардоштани сатҳи эътимоди шахс ба ҳаёт дар мамлакат, ҳамватанон, ҷомеа, давлат, имрӯз ва фардои кишвар ба соҳаи маориф нақши калидӣ гузошта шудааст. Чӣ тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин маънӣ таъкид менамоянд: «Мо бояд аз умқи таърих шуъла бардорем. на ин ки хокистар» Дар ҳақиқат, гузашта ва аъмоли ниёгони мо пур аз саҳифаҳои қаҳрамонӣ буда. таълими дурусти он ба насли наврас дар замири онҳо меҳру муҳаббат ба ватан ва ҳуввияти миллиро бедор месозад. Ин раванд ба ташаккули шахсиятҳои ватандӯст ва соҳибмаърифат мусоидат намуда онҳоро барои номбардории аҷдодони сарбаланди худ ва саҳмгузорӣ дар

рушди ҷомеа ҳавасманд месозад. Ҷавонон бо дарки амиқи арзишҳои миллии худ кӯшиш ба харҷ медиҳанд. то наслҳои ояндаро низ ба ҳамин рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихор аз фарҳангу таърихи худ тарбия намоянд. Дар марҳилаҳои таҳқиқот маълум гардид, ки дар шароити имрӯза ягон равиши самарабахши назариявии пурра тавсифкунандаи муҳтавои раванди ташаккули сифатҳои маънавию ахлоқии хонандагон зимни фани таърих, ки ба анъанаҳои фарҳанги миллии халқи тоҷик бунёд ёфтааст, вуҷуд дорад. Ғайр аз он барномаҳои таълимӣ ва маҷмӯи чорабиниҳои тарбиявие, ки дар ҷараёни таълим ва тарбияи хонандагони синфҳои болои истифода карда мешаванд, барои баланд бардоштани тасаввуроти маънавию ахлоқии хонандагони хурдсол нокифоягӣ менамояд.

Дар шароити кунунӣ хеле муҳим аст, ки насли наврас мансубияти этникии худро бо идроки умумият ва тафовут дар арзишҳои фарҳангии кишварҳои гуногун пурра дарк намояд. Анъанаҳои этнофарҳангӣ ба ташаккули сифатҳои ахлоқӣ таъсири калон мерасонанд, зеро онҳо унсури ҳаёти воқеӣ ва муҳити атрофи хонанда мебошанд. Мубрамиятҳои баёнгардида дурустии интихоби мавзуи рисолаи илмиро исбот менамояд.

Бо назардошти асосҳои илмӣ доштани мубрамияти пажӯҳиши масъалаи мазкур диссертант мавзуи илмӣ-таҳқиқотии худро атрофи коркард ва дарёфти роҳу усулҳои ташаккули тасаввуроти маънавию ахлоқӣ дар хонандагон зимний фани таърих интихоб намуда, дар давраҳои таҳқиқот тибқи нақшаи мушаххаси корӣ аз рӯи нишондоди он корбарӣ намуд. Диссертант Шарифова Санавбар Саъдулоевна дар ҷараёни пешбурди кори илмӣ - таҳқиқотӣ худро аз нигоҳи мусбӣ нишон дода тавонист. Супоришҳои бар зиммааш гузошташударо сари вақт иҷро намуда, нақшаи коркарди рисолаи илмиро марҳила ба марҳила иҷро менамуд. Дар ӯ хусусиятҳои мустақилона пеш бурдани кори илмӣ аз наздик эҳсос мегардид. Дар коркарди муаммои илмии интихобнамудааш масъулиятшиносона муносибат намуда, аз роҳ,усул ва шаклҳои гуногуни пешбурди пажӯҳиши илмӣ бомаврид ва самаранок истифода кардааст.

Диссертант Шарифова Санавбар Саъдулоевна дар ҷараёни пешбурди кори илмӣ-таҳқиқотӣ худро аз нигоҳи мусбӣ нишон дода тавонист. Супоришҳои бар зиммааш гузошташударо сари вақт иҷро намуда, нақшаи коркарди рисолаи илмиро марҳила ба марҳила иҷро менамуд. Дар ӯ хусусиятҳои мустақилона пеш бурдани кори илмӣ аз наздик эҳсос мегардид. Дар коркарди муаммои илмии интихобнамудааш масъулиятшиносона муносибат намуда, аз роҳ,усул ва шаклҳои гуногуни пешбурди пажӯҳиши илмӣ бомаврид ва самаранок истифода кардааст.

Шарифова Санавбар Саъдулоевна натиҷаҳои бадастомадаро аз таҳқиқи мавзуъ ва коркарди он дар озмоишҳои педагогӣ дар қисмати хулосаи диссертатсия ироа кардааст, ки пояи баланди илмию методӣ дошта, истифодаи онҳо дар раванди таълиму тарбияи хонандагони

синфҳои болои ҷиҳати тарбияи ахлоқию эстетикии онҳо замина муҳайё мекунанд. Диссертатсия аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ қавӣ буда, ба ҳама меъёрҳое, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ пешниҳод кардааст, ҷавобгӯй мебошад. Натиҷаҳои илмӣ, тавсияҳои методӣ ва хулосаҳои диссертант боварибахш буда, бо санадҳои эътимоднок асоснок карда шудаанд. Забони навишти рисолаи илмӣ сода, равон ва ба талаботи рисолаҳои илмӣ мувофиқ Ба ин тариқ, диссертатсияи Шарифова Санавбар Саъдулоевна дар мавзуи "Нақши Арзишҳои миллӣ хештаншиносӣ хонандагон зимни таълимӣ фани таърих" таҳқиқоти мукаммалу анҷомёфта буда, дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ иншо шудааст ва аз нигоҳи мавод низ ғанӣ мебошад. Ҳамаи ин аз камолоти маънавӣ ва қобилияти хуби пажӯҳандагӣ доштани Шарифова Санавбар Саъдулоевна шаҳодат медиҳад.

**Хулоса,** диссертатсияи Шарифова Санавбар Саъдулоевна дар мавзуи "Нақши Арзишҳои миллӣ хештаншиносӣ хонандагон зимни таълимӣ фани таърих "аз талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятидарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021,№з) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисос 13.00.02 Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
ходими пешбарии илмии шуъбаи
педагогика, психология ва методикаи
таълими Пажӯҳишгоҳи рушди
маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Раҳимзода Х.

*Имзои Х. Раҳимзодаро тасдиқ мекунам.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузорӣ
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.

17.04.2025